АГЕНТИИ ХАРИДИ ДАВЛАТИИ МОЛ, КОР ВА ХИЗМАТРАСОНИИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# **Ф А Р М О И Ш**

№106-1 ш. Душанбе «17» октябри соли 2023

Дар бораи ба Феҳристи таҳвилгарони (паймонкорони) беэътимод (бевиҷдон) дохил намудани ҶДММ «Манзили озод»

Дар асоси хулосаи Комиссия оид ба баррасии шикояти “Коллеҷи омӯзгории шаҳри Панҷакент” №273 аз 29 августи соли 2023 нисбати ҶДММ «Манзили озод», мутобиқи қисми 1 банди 2 моддаи 73 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хариди давлатӣ” ва сархати 6 банди 9 Низомномаи Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1.Барои саривақт иҷро накардани уҳдадориҳои қарордодӣ вобаста ба таъмири хобгоҳи “Коллеҷи омӯзгории шаҳри Панҷакент” Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Манзили озод” ба муҳлати 2 (ду) сол аз ҳуқуқи иштирок дар озмунҳои хариди давлатӣ хориҷ карда шуда, ба Феҳристи таҳвилгарони (паймонкорони) беэътимод (бевиҷдон) ворид карда шавад.

2.Муқаррароти фармоиши мазкур инчунин нисбати дигар ширкатҳое, ки роҳбари ширкати мазкур (Иномов Фарход Эхсонович) таъсис додааст ва ё минбаъд дар ин муҳлат таъсис медиҳад татбиқ карда шавад.

3.Бахши ҳуқуқ такмил ва мониторинги хариди давлатӣ роҳбари субъекти мазкурро ҷиҳати ба Феҳристи таҳвилгарони (паймонкорони) беэътимод (бевиҷдон) ворид карда шудани ӯ, бо дарҷи сабабҳо дар ҷараён гузошта, масъулини сомонаи интернетии Агентӣ иттилоотро дар хусуси ба феҳристи мазкур ворид гардидани субъекти номбурда ҷойгир намояд.

4.Бахши ҳуқуқ, такмил ва мониторинги хариди давлатӣ воҳидҳои сохтории дастгоҳи марказӣ ва бахшҳои минтақавии Агентӣ, инчунин ташкилотҳои харидорро хабардор намояд, ки то замони аз Феҳристи таҳвилгарони (паймонкорони) беэътимод (бевиҷдон) хориҷ шудани ҶДММ

“Манзили озод”, субъекти мазкур аз ҳуқуқи иштирок дар озмунҳои хариди давлатӣ хориҷ карда шудааст.

Асос: Протоколи комиссия аз 8 октябри соли 2023, №1-100

Директор З. Шарифзода